**Тасдиқ мекунам**

**Ноиби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои таърих, дотсент**

**_______________Карамалишоев К.Н.**

**“10” __________12______2022 с.**

# ХУЛОСАИ

## Шурои васеи олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

оид ба мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардида, дар асоси суратмаҷлиси №3 аз 8 ноябри соли 2022 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Изатуллозода Пайрави Нусратулло соли 2019 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намуда, аз соли 2020 то ҳол ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати

давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 29 сентябри соли 2022, №1 аз ҷониби Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи манзурнамудаи банди 17 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

Роҳбари илмӣ: Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқшавандаи диссертатсионӣ.** Мақомоти назди Президенти ҶТ падидаи нисбатан нав маҳсуб ёфта, дар муқоиса бо вазорату кумитаҳои давлатӣ, ки таърихи чандинсола доранд, мақомоти назди Президенти ҶТ таърихи тулонӣ надоранд. Мақомоти назди Президенти ҶТ ҳамчун мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, пайдоиш ва ташаккули онҳо бо падидаи Президенти ҶТ алоқамандии зич дорад. Тавре маълум аст, қабули Конститутсияи ҶТ ба ташаккули низоми нави ҳокимияти давлатӣ ва пайдоиши падидаи президентӣ дар ҶТ заминаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ гузошт. Тибқи Конститутсияи ҶТ Президенти ҶТ сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия мебошад, аз ин рӯ дар ташаккули низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ Президенти ҶТ нақши назаррас дорад.

Бо қабули Конститутсияи ҶТ зарурати азнавсозӣ намудани сохтори нави дастгоҳи давлатӣ мувофиқ ба талаботи Конститутсияи ҶТ ба миён омада буд. Бо ин мақсад, бори аввал фармони Президенти ҶТ “Дар бораи тасдиқ намудани сохтори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 3 декабри соли 1994, №7 ба имзо расид, ки пас аз Конститутсияи ҶТ санади ягонае маҳсуб меёфт, ки сохтори низоми мақомоти иҷроияи маркази

ҳокимияти давлатиро муқаррар намуда буд. Тибқи он сохтори Ҳукумати ҶТ чунин муқаррар гардида буд: Президент – Раиси Ҳукумати ҶТ; Сарвазири ҶТ; Муовини аввал ва панҷ муовинони Сарвазири ҶТ; Роҳбари дастгоҳи Президенти ҶТ; Вазирони ҶТ; Раисони Кумитаҳои давлатии ҶТ.

Бояд қайд намуд, ки мансаби Президенти ҶТ барои ҶТ падидаи нав ба ҳисоб мерафт ва мақомоти наздипрезидентӣ низ яку якбора таъсис наёфта, балки дар давоми солҳои 1994-2002 ба пайдоиши мақомоти наздипрезидентӣ заминаи ҳуқуқӣ гузошта шуда, мақомоти алоҳидаи давлатӣ, ки минбаъд ҳамчун мақомоти назди Президенти ҶТ эътироф гардиданд, ташкил карда шуданд. Бо мақсади такмил додан ва ба танзим даровардани низоми мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, инчунин таъмини фаъолияти самараноки онҳо фармони Президенти ҶТ “Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” 4 июли соли 2002, №853 ба имзо расида, тавассути он “Системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз нав тасдиқ карда шуд. Санади мазкур дар таърихи ҶТ аввалин асосӣ ҳуқуқии пайдоиши мақомоти назди Президенти ҶТ маҳсуб меёфт. Бояд қайд намуд, ки бо қабул гардидани фармони мазкур фармони Президенти ҶТ аз соли 1994, №7 беэътибор дониста шуд.

Тибқи фармони Президенти ҶТ “Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” низоми мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ акнун ба тарви зайл муқаррар гардида буд: Мақомоти назди Президенти ҶТ; Ҳукумати ҶТ; Вазоратҳои ҶТ; Кумитаҳои давлатии ҶТ; Идораҳои назди Ҳукумати ҶТ; Мақомоти дигари марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ.

Дар давраи аввали қабули фармони Президенти ҶТ мақомоти назди Президенти ҶТ иборат буд аз: Раёсати хизмати давлатии назди Президенти ҶТ ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди

Президенти ҶТ. Вале бо тағйироти ба фармони мазкур дар соли 2003 воридкардашуда, ба низоми мақомоти назди Президенти ҶТ боз ду мақоми дигар: Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ ва Гвардияи Президентии ҶТ илова карда шуданд.

Ваколати мақомоти назди Президенти ҶТ, ки мақомоти идоракунии давлатӣ маҳсуб мегарданд, самтҳои муҳимми ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифта, дар таъмини сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои дахлдор саҳми арзанда дошта, мақсади асосии онҳоро таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсият ва манфиатҳои ҷомеа ва давлат ташкил медиҳад.

Раванди ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ нишон медиҳад, ки он падидаи рушдкунанда буда, то имрӯз мавриди такмилу ислоҳоти зиёд қарор гирифтааст. Мисоли ин ислоҳотро дар зиёд гардидани шумораи мақомоти мазкур дидан мумкин аст, аз ҷумла дар давраи солҳои 2002-2020 шумораи мақомоти назди Президенти ҶТ аз 2 мақомот ба 7 мақомот расидааст. Дар фармони Президенти ҶТ “Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 4 июли соли 2002, № 853 ба низоми мақомоти назди Президенти ҶТ танҳо Раёсати хизмати давлатии назди Президенти ҶТ ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ дохил мегардиданд. Минбаъд, Агентии омори назди Прездиенти ҶТ (соли 2010), Шурои амнияти ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ (соли 2013), Кумитаи рушди маҳалли назди Прездиденти ҶТ (2015) ва Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ (соли 2020) ба низоми мақомоти назди Президенти ҶТ дохил гардидаанд. Аз ин рӯ, маҳз таҷрибаи ҷадиди мавҷудияти ин падида боиси он гардидааст, ки вобаста ба унсурҳои алоҳидаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ баҳсҳо ба вуҷуд омада, ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро дар ин самт мубрам гардонад.

Аммо ба муаммоҳои вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ ҷойдошта нигоҳ накарда, то ба ҳол аз ҷониби олимон ин масъала мавриди таҳқиқоти амиқи илмӣ қарор дода нашудааст.

Вобаста ба ин, қайд намудан зарур аст, ки дар таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии онҳо нақши аввалиндараҷа дорад. Табиати вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкурро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст: мақсаднокӣ (мақсад, вазифа, функсия); сохторӣ-ташкилӣ (тартиби ташкил, тобеият, ҳисободиҳӣ, таъин намудани ҳайати кормандон ва барҳам додани мақомот); салоҳиятнокӣ (ваколат, ҳуқуқ, ухдадорӣ); масъулиятнокӣ (ҷавобгарӣ); ва кафолатҳо (ҳавасмандгардонӣ, имтиёзҳо). Аз ин лиҳоз имрӯз масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ яке аз мавзуҳои таҳқиқталаб ба ҳисоб меравад, зеро вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур дар сатҳи қонунгузорӣ камбудиҳо ба назар мерасанд, ки посухи амиқи илмиро металабанд.

Мақомоти назди Президенти ҶТ вобаста ба он, ки муассиси онҳо бевосита Президенти ҶТ буда, дар ташкили фаъолияти онҳо саҳми Президенти ҶТ аввалиндараҷа мебошад, мавқеи ин мақомотро дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ назаррас мегардонад. Вале дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавқеи мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба таври гуногун муқаррар гардидааст, ки зарурати таҳқиқ ва таҳлили мавқеи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ-ро бо дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд меорад.

Дар баробари ин, мақомоти назди Президенти ҶТ аз мақомоти салоҳияти гуногун – соҳавӣ, байнисоҳавӣ, махсус, омехта ва функсияҳои гуногун дошта, аз функсияҳои назоратӣ, хизматрасонии давлатӣ,

ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқмуҳофизавӣ иборат мебошанд, ки муайян намудани табиати ҳуқуқии салоҳияти мақомоти мазкурро аз нигоҳи илмӣ мураккаб мегардонад. Дар баробари ин, вобаста ба унсурҳои зикргардида, дар қонунгузории фаъолияти мақомоти мазкур камбудиҳо ба назар мерасанд, ки таҳлил ва такмили онҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии гуногун ва вобаста ба самтҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ ташкил гардидани мақомоти назди Президенти ҶТ ифодагари он аст, ки таъинот, ваколат, вазифа ва принсипҳои фаъолияти мақомоти мазкур аз якдигар фарқ карда, дар баъзе ҳолатҳое, унсурҳои зикргардида дар вобастагӣ ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур мувофиқат намекунанд, ки дар байни олимон баҳсҳои доманадорро дар ин самт ба вуҷуд овардаанд.

Гуфтаҳои фавқуззикр мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро ошкор менамоянд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода мегардад, ки он ягона маводи маҷмуавии таҳқиқотӣ маҳсуб меёбад, ки ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ бахшида шудааст. Дар кори таҳқиқотӣ бори аввал ддар шакли диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ ба таври мукаммал баррасӣ гардида, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда таклифҳои илман асоснок ва аҳамияти муҳимми амалидошта коркард гардида, барои минбаъд такмил додани қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ пешниҳод карда шудаанд.

**Мақсади таҳқиқот.** Баррасии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, муайян намудани марҳилаҳои ташаккули мақомоти мазкур, ошкор намудани мушкилот ва норасоиҳои ҷойдошта вобаста ба мавқеъ ва ваколати ин мақомот дар қонунгузории ҶТ, инчунин таҳия ва

пешниҳоди роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаро ташкил медиҳанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- таҳлил намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ошкор намудани мафҳум ва хусусиятҳои мақомоти назди Президенти ҶТ;

- омӯзиши заминаҳои ҳуқуқии ташкилӣ ва муқаррар намудани марҳилаҳои ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар ҶТ;

- таҳлили назариявӣ ва амалии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ;

- омӯзиш ва таҳлили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ ва муайян намудани мутобиқати онҳо;

- муайян намудани мавқеи мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

- таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва муайян намудани табиати ҳуқуқии салоҳияти мақомоти назди Президенти ҶТ.

**Хулосаҳо ва нуктаҳои илмии** дар диссертатсия матраҳгардида бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, инчунин таҷрибаи давлатҳои алоҳида исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда ҳалли худро пурра ёфтаанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 12 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, ки ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи рисолаи илмӣ бевосита алоқаманд мебошанд. Интишороти муаллиф мазмун ва моҳияти мавзуи

таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намуда, таҳлили онҳо дар қисми хулоса ва тавсияҳои диссертатсия ҷой дода шудаанд. Аз ҷумла, мақолаҳои зерин дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд:

**[1-М]** Изатуллозода П.Н. Понятия и признаки органов при Президенте Республики Таджикистан [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. – №4/1 (48). – С. 155-160.

**[2-М]** Изатуллозода П.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2021, – № 2 (34). – С.164-177.

**[3-М]** Изатуллозода П.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2021. – №3 (23). – С. 67-75.

**[4-М]** Изатуллозода П.Н. Таснифи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2021. – №4/1 (53). – С. 156-163.

**[5-М]** Изатуллозода П.Н. Хусусиятҳои таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / А.Д. Ғафурзода, П.Н. Изатуллозода // Маҷаллаи Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 122-130.

Ба ғайр аз ин, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Нақши Конститутсияи ҶТ дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ (Душанбе, 3 ноябри соли 2020); Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Масъалаҳои муҳими идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити

татбиқи ҳукумати электронӣ” (Душанбе, 23-24 октябри соли 2020); Конференсияи байналмилалии илмӣ-назаривӣ “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он” (Душанбе, 5-6 марти соли 2021); Конференсияи ҷумҳуривии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Иштироки ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ” (Душанбе, 5 майи соли 2021); Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Нақши Конститутсияи ҶТ дар татбиқи сиёсати хориҷӣ” (Душанбе, 4 ноябри соли 2021); Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалиии муқовимат бо коррупсия таҳти унвони “Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо” (Душанбе, 3 декабри соли 2021) мавриди таҳлил ва муҳокимаронӣ қарор гирифтаанд.

Маврид ба тазаккур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки аз ҷониби унвонҷӯ дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории ҶТ дар самти танзими фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ, муқаррар намудани ҷойи мақомоти мазкур дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ, такмили сохтор ва салоҳияти мақомоти назди Президенти ҶТ саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои “Ҳуқуқи маъмурии ҶТ”, “Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ” ва “Низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” истифода бурд.

**Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ-назариявӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ метавонанд мусоидат намоянд, инчунин бо нашри мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, таҳти №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад ва саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад;

2. Диссертатсияи Изатуллозода Пайрави Нусратулло дар мавзуи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ ба Шурои диссертатсионии 6В.КОА-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси Шурои васеи олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 22 нафар, “зид” - 0 нафар, “бетараф” - 0 нафар - суратмаҷлиси ҷаласаи Шурои васеи олимони факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси таъйиноти декани факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2022, таҳти №23) аз 10 декабри соли 2022, №4/1.

**Раиси маҷлиси Шурои васеи олимон:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодирзода Д.С.

**Котиби маҷлиси Шурои васеи олимон:** Шерализода З.Ш

**Муқарризи холиси №1:**
мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
н.и.ҳ., дотсент Қодиров Ҷ.Ш.

**Муқарризи холиси №2:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ. Ахмедов Э.Ю.

**Муқарризи холиси №3:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ. Олимзода Д.А.

Имзоҳоро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

“ 10 ” 12 2022 с.